## Шарҳи моҳонаи таваррум • ФЕВРАЛИ 2024

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи феврали соли 2024 0,3 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли гузашта 0,1 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

Дар моҳи мазкур болоравии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби афзоиш ёфтани нархи маҳсулоти хӯрокворӣ 0,5 фоиз (саҳм дар таваррум 0,2 б.ф.), молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,1 фоиз (0,03 б.ф.) ва хизматрасониҳои пулӣ 0,2 фоиз (0,04 б.ф.) ба амал омад.

Омилҳои мавсимӣ, таклифотӣ ва зиёд гардидани талабот ба молу маҳсулоти асосӣ ба сатҳи таваррууми баамаломада таъсири худро расониданд.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ дар моҳи феврал асосан афзоишёбии нархи себ 9,3 фоиз, каду 3,4 фоиз, биринҷ 3,3 фоиз, нок 3,3 фоиз, сабзӣ 1,8 фоиз, гӯшти гов 1,2 фоиз, мош 1,2 фоиз, ангур 0,7 фоиз, гӯшти мурғ 0,5 фоиз, карам 0,4 фоиз ва ғайра ба амал омад.

Инчунин дар моҳи мазкур пастравии нархи баъзе аз маҳсулотҳои хӯрокворӣ, аз ҷумла орди навъи якум 1,9 фоиз, картошка 1,9 фоиз, бодиринг 1,3 фоиз, равғани пахта 1,2 фоиз, помидор 0,7 фоиз, гӯшти гӯсфанд 0,3 фоиз, равғани офтобпараст 0,3 фоиз ва тухм 0,2 фоиз ба қайд гирифта шуд.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, дар моҳи баррасишаванда бештар қиматшавии нархи маводи шустушӯӣ 1,6 фоиз, бензини АИ -92 0,5 фоиз, ангишт 0,4 фоиз ва маводи доруворӣ 0,2 фоиз мушоҳида гардид.

Тибқи маълумоти омори расмӣ сатҳи таваррум дар моҳи феврали соли 2024 дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла дар Туркия 4,5 фоиз, Қазоқистон 1,1 фоиз, Беларус 0,9 фоиз, Қирғизистон 0,7 фоиз, Россия 0,7 фоиз, Ӯзбекистон 0,3 фоиз ва Арманистон -0,7 фоизро ташкил намуд.

**Таваррууми моҳона ва солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таваррууми солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)

| Кишварҳо | Таваррууми моҳона (феврали с. 2024) | Таваррум янв.-фев. с.2024 | Таваррууми солона (феврал с.2024) |
|---|---|---|---|
| Туркия | 4,5 | 11,5 | 67,1 |
| Қазоқистон | 1,1 | 1,9 | 9,3 |
| Беларус | 0,9 | 1,7 | 5,6 |
| Қирғизистон | 0,7 | 1,0 | 5,1 |
| Россия | 0,7 | 1,6 | 7,7 |
| Ӯзбекистон | 0,3 | 0,9 | 8,4 |
| **Тоҷикистон** | **0,3** | **0,7** | **3,6** |
| Гурҷистон | 0,0 | 0,3 | 0,3 |
| Арманистон | -0,7 | 0,5 | -1,7 |

**Сатҳи таварруми солона бошад, дар моҳи феврали соли 2024 3,6 фоизро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли қаблӣ 0,9 б.ф. кам мебошад.**

Дар моҳи феврали 2024 сатҳи таварруми солона дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 67,1 фоиз, Қазоқистон 9,3 фоиз, Ӯзбекистон 8,4 фоиз, Россия 7,7 фоиз, Беларус 5,6 фоиз, Қирғизистон 5,1 фоиз, Гурҷистон 0,3 фоиз ва Арманистон -1,7 фоизро ташкил менамояд.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи феврали соли ҷорӣ 0,1 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона бошад, ба 1,5 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати пулию қарзиро ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум минбаъд низ идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслии солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таварруми солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2022 | | | | | 2023 | | | | | 2024 | | Феврал тағйирёбии моҳона, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **7,8** | **7,3** | **8,3** | **5,7** | **4,2** | **4,3** | **3,6** | **2,4** | **5,1** | **3,8** | **3,8** | **3,6** | **0,3** |
| **Маҳсулоти хӯрокворӣ ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,9** | **6,8** | **7,2** | **9,6** | **7,9** | **5,2** | **5,3** | **4,3** | **1,1** | **5,8** | **3,4** | **2,9** | **2,5** | **0,5** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 11,9 | 4,8 | 11,0 | 24,6 | 13,0 | 4,7 | 2,5 | -2,6 | -8,7 | 2,3 | 6,4 | 7,9 | 8,3 | -0,5 |
| Биринҷ | 2,1 | -7,5 | -5,7 | -1,2 | 1,7 | 9,1 | 15,9 | 21,6 | 54,1 | 54,8 | 45,3 | 38,0 | 40,0 | 3,3 |
| Орд | 4,9 | 8,8 | 18,0 | 38,3 | 18,3 | 2,8 | -4,8 | -12,6 | -30,1 | -14,8 | -7,3 | -1,5 | -1,3 | -1,9 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 6,8 | 15,3 | 9,8 | 0,3 | -2,4 | -0,8 | 0,0 | -0,2 | 5,3 | 6,8 | 3,8 | 3,2 | 3,6 | 0,4 |
| Гӯшти гов | 2,4 | 15,1 | 7,7 | -4,9 | -8,5 | -4,8 | -3,6 | -2,5 | 6,5 | 9,3 | 5,7 | 4,9 | 6,4 | 1,2 |
| Тухм | 1,3 | -24,0 | -21,2 | -12,1 | 17,4 | 43,1 | 48,3 | 40,4 | 19,6 | 0,3 | -30,6 | -25,8 | -19,5 | -0,2 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 2,7 | 7,7 | 23,6 | 23,9 | 25,4 | 25,4 | 28,8 | 14,7 | 8,6 | 5,2 | 2,2 | 6,4 | 6,8 | 1,1 |
| Шир | 0,9 | 4,0 | 15,4 | 21,3 | 11,6 | 20,4 | 23,2 | 18,5 | 8,9 | 6,7 | 3,5 | 0,8 | 1,5 | 1,4 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 3,2 | 20,5 | 12,4 | 4,3 | -2,7 | -10,6 | -11,3 | -11,2 | -28,9 | -22,7 | -24,5 | -21,9 | -21,7 | 0,0 |
| Меваҷот | 3,3 | -6,6 | -8,3 | -6,1 | -8,8 | -6,9 | -5,8 | 1,5 | 13,9 | 28,8 | 33,1 | 34,0 | 35,0 | 1,8 |
| Сабзавот | 7,3 | 11,6 | 6,3 | 1,8 | 14,9 | 12,1 | 14,8 | 23,1 | 17,1 | 18,1 | 0,0 | -5,5 | -11,6 | 1,0 |
| Шакар | 1,6 | 4,3 | 6,9 | 22,0 | 12,0 | 6,2 | 2,0 | -9,1 | 8,3 | 18,2 | 27,6 | 29,9 | 32,8 | -0,1 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 2,2 | 0,6 | 2,6 | 5,5 | 14,6 | 14,0 | 13,4 | 13,1 | 10,9 | -5,2 | -3,8 | -11,6 | -10,1 | 1,8 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,0** | **3,3** | **3,3** | **3,5** | **6,7** | **5,5** | **6,0** | **6,7** | **6,5** | **2,7** | **5,7** | **10,4** | **9,7** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,5** | **5,7** | **6,2** | **6,0** | **5,9** | **2,9** | **2,8** | **1,5** | **0,5** | **0,8** | **2,0** | **2,0** | **3,0** | **0,9** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **7,8** | **6,3** | **6,6** | **4,7** | **3,9** | **4,1** | **3,5** | **4,5** | **6,0** | **6,6** | **5,8** | **5,8** | **0,1** |
| Либос ва пойафзол | 9,6 | 3,2 | 2,4 | 3,4 | 2,5 | 4,0 | 4,1 | 4,3 | 5,5 | 7,3 | 6,0 | 5,4 | 5,2 | 0,0 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 1,1 | 6,8 | 7,8 | 8,3 | 7,9 | 3,8 | 4,2 | 2,9 | 5,8 | 5,4 | 5,5 | 4,8 | 4,6 | 0,0 |
| Маводи шустушӯӣ | 0,4 | 5,2 | 5,1 | 13,6 | 17,9 | 22,6 | 24,9 | 24,2 | 14,7 | 4,6 | -1,5 | -3,2 | -1,7 | 1,6 |
| Доруворӣ | 1,5 | 4,2 | 7,4 | 8,7 | 10,3 | 11,2 | 7,0 | 5,1 | 11,5 | 9,4 | 13,2 | 12,5 | 12,4 | 0,2 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 4,3 | 54,6 | 33,2 | 18,1 | -3,8 | -21,2 | -25,1 | -26,9 | -19,2 | -2,9 | 19,5 | 22,9 | 23,1 | -0,4 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 0,2 | 2,7 | 5,1 | 4,7 | 1,5 | -1,7 | 3,1 | 1,1 | -0,9 | -0,8 | 8,3 | 10,2 | 10,4 | 0,2 |
| Васоити нақлиёт | 0,6 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,1 | 0,1 | 0,1 | 0,7 | 13,2 | 12,7 | 12,6 | 12,7 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,7 | 4,1 | 3,2 | 3,1 | 4,9 | 5,4 | 5,3 | 4,8 | 3,7 | 3,5 | 2,5 | 2,4 | 2,3 | 0,2 |
| **Хизматрасониҳо** | **19,3** | **11,5** | **9,9** | **8,4** | **1,3** | **2,0** | **1,9** | **2,1** | **2,7** | **3,6** | **1,2** | **3,0** | **3,2** | **0,2** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 4,5 | 13,2 | 10,1 | 5,2 | -5,3 | 4,4 | 3,2 | 4,3 | 7,5 | 9,1 | 1,7 | 9,2 | 9,2 | 0,0 |
| Иҷорапулии манзил | 0,6 | -0,9 | 3,7 | 4,5 | 5,9 | 7,0 | 8,0 | 3,2 | 3,2 | 2,7 | 1,2 | 1,7 | 2,2 | 0,5 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 1,0 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,7 | 1,1 | 0,5 |
| Қувваи барқ | 1,9 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,7 | 17,7 | 0,3 | 14,8 | 14,8 | 0,0 |
| Оби гарм | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 |
| Газ | 0,5 | 66,6 | 44,4 | 13,1 | -23,7 | -29,6 | -46,8 | -42,2 | -34,6 | -4,4 | 27,0 | 58,9 | 55,1 | -1,2 |
| Нақлиёт | 2,0 | 22,4 | 19,5 | 19,2 | 9,3 | -1,2 | 0,5 | -0,2 | -1,8 | -3,2 | -4,2 | -5,2 | -3,6 | 1,4 |
| Алоқа | 0,6 | -0,7 | -0,7 | -0,6 | -0,7 | -0,7 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 0,0 | 0,0 | -1,4 | -1,4 | 0,0 |
| Маориф | 1,5 | 8,2 | 8,2 | 8,3 | 0,7 | 1,4 | 1,4 | 1,3 | 1,2 | 3,6 | 3,1 | 3,6 | 3,6 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 2,6 | 0,3 | 1,1 | 2,1 | 2,1 | 2,0 | 1,9 | 1,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 3,5 | 3,7 | 0,2 |
| Маишӣ | 5,4 | 2,8 | 3,2 | 4,1 | 4,5 | 5,0 | 3,9 | 3,9 | 3,5 | 4,3 | 4,8 | 6,4 | 6,3 | 0,0 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо